# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович дар мавзуи «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.

Таҳқиқоти анҷомдодашудаи унвонҷӯ Матробов М.Х. ба яке аз падидаҳои нав дар илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шуда, қадамҳои нав дар омӯзиши падидаи мониторинги ҳуқуқӣ ба ушмор меарвад. Қобили зирк аст, ки дар низоми ҳуқуқӣ мониторинги қонунгузорӣ яке аз воситаҳои муҳимтарин такмили қонунҳо буда, таҷрибаи истифодаи он дар бисёр кишвраҳои дорои низоми ташаккулётаи ҳуқуқӣ маъмул аст. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҷанбаҳои назарияӣ ва ҳуқуқии мавзуи мазкур барои рушду такомули қонунҳо ва санадҳои гуногуни меъёриву ҳуқуқӣ зарур мебошад.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки мониторнги қонунгузорӣ ба такмили матну забони қонунҳо ва самаранокии татдбиқи онҳо мусоидат намуда, дар фаъолиятҳои гуногуни ҳуқуқӣ, ба монанди фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниву ҳуқуқтатбиққунӣ истифода мешавад.

Дар автореферати диссертатсия муаллиф қайд менамояд, ки ташаккули мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2008 ташаккул ёфта, аввалин бор масъалаи мазкур дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, баъдан дар қонунгузорӣ монторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гардид.

Дар раванди гузаронидани мониторинги қонунгузорӣ дақиқ муаайян карда шудааст, мақомоти давлатӣ, бахусус мақомоти ҳокимияи иҷроияти давлатӣ, мақомоти прокурартура, марказҳои илмию таҳлилӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва ғ. баромад мекунад.

Муаллиф қайд менамояд, ки раванду муносибатҳои ҷамъиятӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳамчунин лоиҳаҳои онҳо объекти мониторинги қонунгузорӣ маҳсуб меёбанд.

Дар таҳқиқоти мазкур бисёр паҳлуҳои мониторинги қонунгузорӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифита, муаллиф дар 3 боб ва 8 зербоб мавзуи мазкурро таҳқиқ кардааст.

Дар маҷмуъ таҳқиқоти мазкур аҳамияти назариявӣ ва амалии дошта, ҷанбаҳои гуногуни мавзуи мазкур метавоанда дар оянда мавриди таҳқиқоти

алоҳидаи илмӣ қарор гиранд. Ҳамчунин, моҳияти амалии таҳқиқот дар такмили қонунҳо, рушди инкишофи низоми ҳуқуқӣ ва танзими самраноки моуносиюатҳои ҷамъиятӣ зозир мегардад.

Тарзи навишт, услуб ва таҳлилу хулосаҳои муаллиф баёнгари мустақилона таълиф намуани таҳқиқоти мазкур буда, муаллиф дар равани омӯзиши масъалаи мавриди таҳқиқи шумораи адабиёти зиёди илмии ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои мухталифи меъёрии ҳуқуқӣ, маълумоти оморӣ ва ҳисоботу гузоришҳоро истифода кардааст.

Вобаста ба мавзуи мазкур муаллиф 19 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 13 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Ҳамзамон муаллиф дар робита ба паҳлуҳои гуногуни мониторинги қонунгузорӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ бо маърузаҳо иштирок кардааст.

Ҳамин тариқ, аз баррасии автореферати диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович бармеояд, ки муаллиф тавонистааст, ки аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ баромад, ҷанбаҳои асосӣ ва гуногуни мавзуи имлиро маврди омӯши таҳлили илмӣ қарор диҳад.

Дар баробари бисёр ҷанбаҳои мусбат, дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникӣ ба назар мерасад.

Ҳамзамон дар боби сеюм, зербоби дуюм муаллиф ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва сиёсиро субъекти мониторинги қонунгузорӣ меҳисобад. Мониторинги қонунгузориро маъмулан танҳо мақомоти давлатӣ амалӣ мегардонад ва ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ вогузор кардани ин салоҳият моҳиятан чандон зарур намебошад. Аз ин рӯ, муаллифро зарур аст, ки дар раванди ҳимояи ошкоро маъалаи мазкурро асоснок намояд.

Мушкилот ва эродҳои пешниҳодшуда ба мазмун ва моҳияти таҳқиқот таъсири манфӣ нарасонида, танҳо бо мақсади такмили минбаъдаи таҳқиқот ҳамчун тавсия хидмат менамоянд.

Бинобар ин, автореферати диссертатсияи Матробов Матроб Хурамович дар мавзуи «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
ходими пешбари шуъбаи масоили
назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири
Институти давлат ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Қодирзода Т.Қ.

Имзои Қодирзода Т.Қ.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадрҳои Институти
давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон Давлатмуродзода Б.Д.
Сана “18.” 02 2026

**Суроға:**
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21,
Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ.
Тел.: 887 08 43 44
E-mail: t.kodirzoda@mail.ru